БАКТРИЯ
Маркази Фарҳангии

# Тиреза
Бюллетен

Он ҷое, ки одамон
ва эҷодиёт во мехӯранд

Апрел | 2010
Нашри 2



В этом выпуске:

Дуюм Ҷаз Фестивали Душанбе
| 2

«Модальнокӣ»
| 3-4

Синопсис кори намоишгоҳи «Модальнокӣ»
| 5-6

«Комиссар»-и бе яроқи Александр Асколдо
| 7

www.bactria.net
Bactria Cultural Centre
ak. Rajabovih 15 str., 734000 Dushanbe
Phone: +(992 372) 221-92-89, 27-03-67, 224-65-63
bactria@acted.org

ACTED

# *Дуюм Ҷаз Фестивали Душанбе*

Дуюм Ҷаз Фестивали Душанбе аз рӯи вазифаҳои бадеии худ, давоми якум ҷаз фестивали душанбегиро ташкил медиҳад, ки соли гузашта гузаронида шуда буд. Ба ташкилкунандагони фестивал Раёсати Швейтсария доир ба Ҳамкорӣ ва Рушд, Макарзи Фарҳангии «Бактрия» ва Консерваторияи миллии ба номи Т.Сатторов аз аввали омода намудани фестивали якум, саволҳое баристода буданд, ки ба онҳо ҷавоб додан лозим буд: ҷаз ба мо чӣ лозим ва умуман чӣ тавр ин анъана бо анъанаҳои миллии мусиқии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта метавонад, махсусиятҳои фарҳангӣ ва пазирой дар чист, ва чиро ташкилотчиён мехоҳанд, кадом мақсадҳоро пеш гирифтаанд?

Ҷаз – навъи эҷодиёт ва санъатӣ мусиқӣ мебошад, ки дар он ҷузъҳои эҷодшавӣ ва иҷроиши композитсияи мусиқӣ якбора дар айни замон «ҳозир ва дар ҳамин лаҳза», дар асоси қонунҳои мавҷуд буда, анъанаҳо, принсипҳои ташаккулёбӣ, бо истифодаи асбобҳои муосир, усулҳо, таносуби оҳангҳо ва вазнҳои ғайриоддӣ, эҷод карда мешавад.

Ин махсусиятҳои асосии санъати ҷаз бо як маънии муайян дар мусиқии анъанавии тоҷикӣ зоҳир мешаванд, ки дар асл даҳонӣ мебошад. Дар ин ҷо матнҳои махсуси муайан карда шудаи мусиқӣ нест, балки танҳо модусҳо, қоидаҳои муайяне ҳаст, ки дар асоси он, мисол мусиқии классики тоҷикон «Шашмақом» вуҷуд дорад.

Ҳангоми таъсисёфтани мафҳуми бадеии фестивал, чунин хусусиятҳои мусиқии тоҷикӣ ба инобат гирифта шуда буданд ва онҳо таҳкурсии нигоҳи мусбии имкониятҳои инкишоф додани санъати ҷаз дар Тоҷикистон шуданд. Чунин фаҳмиш бо таҷрибаи инкишофёбии ҷаз дар давлатҳои осиёӣ, ки бо онҳо Тоҷикистон анъанаҳои наздики мусиқӣ дорад, тақвият гирифта буд. Дар ҳамаи давлатҳои минтақаи осиёи марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) санъати ҷаз хеле хуб ташаккул меёбад. Махсус қайд кардан зарур аст, ки омили асосии ташаккулёбӣ ва рушди санъати ҷаз дар Тоҷикистон, ин гирифтани таҷрибаҳои рушдёбандаи он аз Озарбойҷон мебошад, ки дар он ҷо ҷаз ба сатҳи ҷаҳонӣ баромада, сабки махсус, шинохташаванда ва мустақилро пайдо намудааст – яъне ҷази Озарбойҷонӣ. Тоҷикистон бо фарҳанги мусиқии Озарбойҷон ҷиҳатҳои умумии бисёр дорад, мо як навъи санъати мусиқии анъанавию касбиро дорем, ки номаш – мақом/мугам, мебошад. Дар Озарбойҷон композитсияҳои ҷазиро дар асоси мугам месозанд, ки ин боиси таваҷҷӯҳи калон мебошад. Бо чунин маънӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷаз ва манбаъҳои бойи санъатии он, ба анъанаҳои миллии мусиқавии давлатҳои Шарқ барои табаддулоти нав ва рушдёбӣ, имкониятҳо медиҳад.

Ҷаз ин шакли махсуси музоҳироти эҳсосҳову тасаввуроти мо мебошад ва дар он таассуротҳои чуқур ва самимӣ метавонанд бо осонӣ асар кунанд, хеле озод, ба таври дигар, бо тамасхур ба худ ва гирду атроф. Дар ин мусиқӣ нигоҳи мо ба изҳори фарҳанг ва анъанаҳо, ғояҳо ва эҳсосоти наздик равона карда мешавад, аммо дар шаклҳои нави ифодакунӣ, ки дар он дар як маврид ҳам «не» ҳасту ҳам «ҳа», имконияти аз ҷавоби дақиқ, аз пуррагӣ дур шудан, вуҷуд дорад, ки аз исботкунӣ ва хоҳиши фикру эҳсосоти худро давом диҳӣ пайдо мешавад. Ва шояд хусусияти асосии санъати ҷаз маҳз дар ин мебошад – озодии нафас ва муомила. Шояд маҳз барои ҳамин имрӯз дар ҷаҳони муосир ҷаз яке аз шаклҳои муттаҳидкунии одамон, анъанаҳои мусиқӣ, гардидааст, ки бо он ҳар кас метавонад озодона эҷодиётнокии худро зоҳир намуда, ҳангоми ин аслият, хусусиятҳои миллии худро нигоҳ дорад, бо ғояҳо, шаклҳо, иҷроиши ғайриоддии мусиқии нав дунёи ботинии дигаронрову худро ғанӣ гардонад.

Дуюм Ҷаз Фестивали Душанбе, ҳадафҳои фестивали якумро давом дода, назди худ мақсади тезонидани ҷараёни ташаккулёбӣ ва рушди эҷодиёти мусиқии ҷазро дар Тоҷикистон гузоштааст. Мақсад мондааст, ки иқдомҳоро дар инкишофи намуди этно-ҷаз, пайдо намудани иҷроишҳои ғайриоддии он, равияҳо ва шаклҳои композитсияҳои этно-ҷазӣ, пайдо намудани навозандаҳои боистеъдод, ки мехоҳанд ва ҳавас доранд, ки худро дар ин намуди нави эҷодиёт барои Тоҷикистон бисанҷанд, дастгирӣ намояд.

Имсол вазифаи муҳимтарини бадеии фестивал барои навозандагони тоҷик, ҷустуҷӯи шаклҳои миллии ҷаз дар асоси истифода намудани анъанаҳои мақом ва фалак, мебошад. Кумитаи тадорукотии фестивал ба иштирокчиён –яъне навозандагон аз Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки дар барномаи консертии худ ду композитсияро дар асоси мусиқии мақом ва фалаки тоҷикӣ эҷод намоянд.

Қадами нав дар амалигардонии вазифаи бадеии фестивал, ин бунёд намудани лабораторияи эҷодӣ мебошад, ки дар он ҳамҷоя бо мутахассисони машҳури санъати ҷаз, ки ба фестивал ба кишвари мо меоянд, навозандагони тоҷик имконият пайдо мекунанд, бо нозукиҳои мусиқии миллӣ шинос шаванд. Дар инҷо вариантҳо ва имкониятҳои гуногун вуҷуд доранд, алалхусус, композитсияҳои ҷазӣ дар асоси истифода намудани таркибҳои оҳангӣ, пардавӣ ва вазнӣ мебошад. Инчунин барои истифода кардани композитсияҳои асари мусиқии муайян бо вариантҳои гуногуни он, оҳангҳои импровизатсия карда шуда, вазнӣ, услубҳои пардавӣ, имкониятҳо вуҷуд ҳаст.

Фикр мекунем, ки ташаккулёбии сабкҳои нави ҷазро дар Тоҷикистон маҳдуд кардан мумкин нест, бо маъноҳо ва истилоҳҳое, ки дар дигар давраи таърихӣ, дар дигар муҳити фарҳангӣ ва этникӣ пайдо шудаанд ва инчунин оиди истифода намудани истилоҳҳои этно, фолк, фюжен, дармонда истодан лозим нест. Шояд асосаш дар ин нест. Шояд асосаш дар давом додани анъанаҳои мусиқии беҳтарини мо дар намуди нави ифодасозии фикру эҳсосот – ба таври ҳозир ва дар ҳамин лаҳза, мебошад.


*Ӯлмасов Ф.*

*Роҳбари бадеии **2**-юм Ҷаз Фестивали Душанбе.*

*Номзади илмҳои санъатшиносӣ,ноиби ректор доир ба корҳои илмӣ ва равобити байналхалқӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов.*


**Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт вомехӯранд**

www.bactria.net


**Editorial team:** Anna Basanova (head-editor), Faruh Kuziev
**Translation:** Сухроб Мирзоалиев, Толиб Бахроми.
**Page-proof & Design:** Anton Ruhlov
**Photos:** Jamshed Kholikov, Anton Ruhlov
**Photo on cove pager:** art-work of Sulaiman and Ozar Sharifi “Lost Mystery”

**Партнеры:** ACTED, Посольство Франции, Посольство США, Посольство Великобритании Швейцарское Управление по Развитию и Сотрудничеству, Европейская Комиссия в Таджикистане.

# «Модальнокӣ»

**Мафҳум**

**Гендер** чӣ тавре ки маълум аст, ҷинси иҷтимоӣ мебошад. Шартҳои гендерӣ - ин ҳидоятҳое, ки доир ба чи гуна рафтор намудани мард ва зан дар ҳолатҳои фарҳангии гуногун, бо ҷамъияти анъанавӣ қабул шудаанд (мисол, вазифаи зан – нигоҳ дорандаи тартиби хонадон, вазифаи мард – таъмин намудани хонадон). Ин ҳидоятҳо якумаш бо «анъанаҳо» пазируфта мешаванд, яъне бо он ки онҳо муддати дароз аз тарафи ҷамъият қабул шудаанд, ва думаш, «мувофиқат бо табиат» гӯё ин вазифаҳо бо «табиат» муайян карда шудаанд, ки ин дар ҳақиқат ин тавр нест. «Дискурси қудратӣ», чӣ тавре ки Барт мегуфт, ҳамавақт бо «табиат» рӯйпӯш мешавад.

Ғояи намоишгоҳро «Модальнокӣ» номгузорӣ намудан, аз таҷдиди назар оиди мафҳуми лингвистӣ пайдо шуд. «Модальнокӣ» - ин «тавонистан», «воҷиб будан» мебошад ва ба рассомон пешниҳод шуда буд, ки дар мавзӯъи ҷиро зан дар ҷомеа «бояд» кунад ва ҷиро карда «метавонад», дар мавриди мард ҳам ҳамин тавр, андеша намоянд. Ва ҳамаи ин «заруриятҳо» бояд инъикос карда шаванд. Мафҳуми «модальнокӣ», ки дар ҳама забонҳо маънои «заруриятро» дорад, бо рассомон дар корҳояшон, ки дар жанрҳои гуногуни санъати муосир мебошанд, бо як мақсад муттаҳид гардонда шуд, ки диққатҳоро ба зоҳиротҳои гуногуни он ба тарзи нав фаҳмидашуда ҷалб намуда ба оммаи васеъ пешкаш намоянд. Бо воситаи санъат дида баромадан, ки оё феълҳои модалӣ байни «моҳиятҳои М ва З» дуруст тақсим шуда бошанд.

Дар лоиҳаи намоишӣ рассомони тоҷик иштирок намуданд ва асарҳояшонро дар жанрҳои гуногуни санъати муосир эҷод намуданд, фото-арт, видео-арт, инсталлятсия, асарҳое, ки дар услуби ҳазломез тахия карда шудаанд.

Ҳамчун ҷойи баргузоркунии намоишгоҳ Фурӯшгоҳи марказӣ «ЦУМ» (2-юм ошёна) интихоб шуд ва ин тасодуфӣ нест.



Инсталляция «Семья», «Радуга», фото «Черный квадрат»

**Фазо**

**«ЦУМ»** - яке аз калонтарин корхонаҳои савдои чакана дар пойтахт мебошад, ки дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст, дар назди майдони Сомонӣ, боғи Рӯдакӣ ва театри драмавии русӣ ба номи Вл. Маяковский. **«ЦУМ»** дар ҳақиқат мисли варақаи боздиди Душанбе, мағозаи дӯстдоштаи душанбегиҳо ва меҳмонони пойтахт мебошад!

Солҳо мегузаранд, даҳсолаҳо мегузаранд ва мавзӯаҳо нест мешаванд, марказҳои фурӯши нав пайдо мешаванд, аммо **ЦУМ** доимист. Зоҳиран тағйир наёфта, **ЦУМ** доимо ба пеш



Инсталлятсия «Фаранҷӣ», «Якуми май», «Дастархон»

меравад, тағйир ва инкишоф меёбад, ва ҳангоми ин мағозаи марказии универсалӣ шуда дар маркази пойтахт мондааст. Сарфи назар аз махсусиятнокии ҷойгиршавӣ, **ЦУМ** чун пешина мағозаи халқӣ, оммавӣ буда, дар он навъҳои зиёди маҳсулотҳои воридотӣ ва албатта инчунин маҳсулотҳои ватанӣ ба фурӯш гузошта шудааст. **ЦУМ** – на танҳо мағозаи муосир, балки барои бисёри наслҳои душанбегиҳо анъана мебошад!

Идеяи гузаронидани намоишгоҳ дар ЦУМ нав нест, ба ғайр аз намоишҳои дифэле аз Dolce&Gabbana, Dior, Carolina Herrera ва дигарон, то актсияҳо ва ҳаргуна намоишгоҳҳо, ҳатто майдон барои беннале.

Мисол, моҳи сентябри 2006 сол дар бинои ЦУМ-и Новосибирск, актсияи ғайриоддӣ бо номи «Полиси сифат» гузаронида шуд, ки аз тарафи агентии таблиғот « Альянс Медиа»: **Хизмат бахри сифат**!, ташкил ва пешкаш карда шуда буд. Дар вақти актсия дар толорҳои фурӯшӣ аниматорон бо либосҳои полисони америкой, ки бо ташкилоти агентӣ тахия карда шуда буд, «сифати» молҳоро назорат мекарданд. Полисон молҳои бо харидорон дастрасшударо аз назар гузаронида, дар онҳо муҳри «аз тарафи полиси сифат писандида шудааст» мегузоштанд ва купонҳоро барои иштирок намудан дар бозии тақдими мукофотҳо, медоданд. (http://sib.adme.ru/newscompanies/alyans-media-dlya-cum-novosibirsk-sluzhba-vo-imya-kachestva-2551/ )

# *«Модальнокӣ» continuation...*

1-уми марти 2007 сол дар ЦУМ Дуюмин биенналеи Москва расман ифтитоҳ гардида буд. Дар бинои нави универмаги пойтахт давоми як моҳ маҷмӯъаи видео-арти америкой тахти унвони “Видео-санъати америкой дар оғози ҳазорсолаи нав” намоиш дода мешуд. ЦУМ яке аз майдонҳои асосии ду биеннале гардид. Ҷойҳои кушод ва холии бинои нави мағозаи машҳур бе душворӣ имконият дод, ки асарҳои зиёда аз 30 рассоми муосири ИМА ҷойгир кард шавад. ([http://www.intermoda.ru/cit/old7385.html](http://www.intermoda.ru/cit/old7385.html))

Дар ҳамон ҷо аз 31 май то 24 июни 2007 сол намоишгоҳи меҳмони махсус Йоко Оно бо унвони “Одиссея таракана” дар Биенналеи Москва гузашт. Ин фотографияҳо ва объектҳои бузургандоза будаанд, ки даҳшатҳои ҷанг ва ҷабру зулми дар асри ХХ шудаpo тасвир мекарданд. Нигоҳҳои ҳашарот дар намоишгоҳ бо навбат бо инсталлятсияҳое, ки дар бораи мавзӯъҳои зиддиҷангӣ буданд, паи ҳам меомаданд, зеро хонуми Оно ҳеҷ гоҳ тарафдорӣ ҷанг набуд.

Масъалан дар яке аз толорҳо дар болори хона каскаҳои аскарӣ овезон карда шуда буд, баъзеи онҳо бо пораҳои паззл (расмҳои бурида), дар деворҳояш бошад суратҳои маъруфи Берлини пас аз ҷангӣ гузошта шуда буд: зонаи ишғолшуда, «Чекпойнт Чарли» ва ғайраҳо. Дар дигар толор сето қафас гузошта шуда буд. Дар якеаш плакати «US Army wants you», ва дар он бошад тӯдаи пойафзолҳои аскарон тасвир карда шуда буд, дар дигараш тахти шиори машҳури Оно-Леннон «War is over», китобҳо тӯдашуда партофтагӣ, сеюмаш холӣ, дар он сурати оромкунандае, беодам. Намоишгоҳи санъати муосирро бе ҳамкорӣ



**Эҷодиёти Алексей Румянсева «Taj Kung Fu»**

бо тамошобин тасаввур кардан душвор аст. Дар намоишгоҳи «Одиссеяи ҳашарот» тамошобин метавонист, ки на танҳо бо зону гардад, балки дар харитаи ҷаҳон шахсан пайи «Imagine Peace» гузорад. ([http://www.gif.ru/rus/afisha/roach-odyssey/](http://www.gif.ru/rus/afisha/roach-odyssey/); [http://darknsk.com/forum/topic_3280.html](http://darknsk.com/forum/topic_3280.html))

Дигар мисоли равшани истифода шудани ЦУМ ҳамчун фазои намоишгоҳӣ, ярмаркаи соли навии санъати муосир **«Спутник АРТ ЦУМ»** гардид, ки ҳамҷоя бо фонди Спутник Арт ва ЦУМ Art Foundation ташкил карда шуда буд. Зиёда аз 70 рассомон асарҳояшонро пешкаш менамуданд, ки арзиши асарҳои онҳо аз 200 то 5000 евро буд. Ин ҳам намунаҳо аз силсила асарҳои ситораҳои арт саҳнаи русӣ, ва асарҳои рассомони ҳозираи ҷавон буданд. Дар байни иштирокчиён - АЕС+Ф, Олег Кулик, Таисия Короткова, Дмитрий Теселкин,


**Видеои Сурайё Тӯйчиева**

Александр Пономарев, Александр Сигутин, Олга Чернишева, Гоша Острецов, Пол Стейнис, Олга Солдатова, Алина Гуткина, Гурӯҳи ПГ ва ғайраҳо буданд.

Дар лоиҳаи махсуси **«Спутник Арт** Live!» асарҳои рассомон дар назди тамошобинон эҷод мешуданд. Ҳар як арт объект, ки дар девори ин лоиҳа пешкаш шуда буд, дурусттараш нусхаи рақамии он, дар назди одамон хеле бо ҳунари баланд чоп карда шуда, ба расмият дороварда, қайди муаллифаш гузошта мешуд. Иштирокчиён лоиҳа на танҳо рассомон, балки арт-муассисаҳо низ буданд – музейҳо ва марказҳои санъати муосир, ки барномаи майдонҳои худро дар стендҳои худ муаррифӣ менамуданд ва ҳам дар хизматрасонии Амалии «Спутник Арт Афиша». ([http://www.trendymen.ru/weekend/afisha/44579/](http://www.trendymen.ru/weekend/afisha/44579/))

***Ҷамшед Холиқов ҳамоҳангсози лоиҳаҳои намоишӣ***

**Иштирокчиёни намоишгоҳ**:
Вера Карнаухова, Умеда Кутфидинова, Мукарама Ҷӯраева, Наргиси Хуршед, Алексей Румянсев, Сулаймон ва Озар Шарифӣ, Рошанак Остад, Мурод Шарипов, Сурайё Тӯйчиева , Убайдуллоев Абдулло, Ғайрат Усмонов.

**Ташкилкунандагони намоишгоҳ**:
Менеҷери лоиҳа Фарух Кузиев – Маркази Фарҳангии «Бактрия»
Куратори намоишгоҳ Ҷамшед Холиқов – Маркази Фарҳангии «Бактрия»
Ҳамоҳангсози лоиҳа аз тарафи Раёсати Швейтсария доир ба Ҳамкорӣ ва Рушд дар ҶТ - Муаттархон Баширова
Ҳамоҳангсози лоиҳа аз тарафи ЮНИФЕМ – Наргис Азизова

# Синопсис кори намоишгоҳи «Модальнокӣ»

**Рошанак Остад «Бе ном» (силсила суратҳо)** Анъанаҳоро тасвирҳои хеле зебои ривоятҳои рангину пурҷило ва бофтаниҳову ороишҳои занон пур мекунанд. Ва онҳо набоянд дар маҳбасхонаҳо бошанд. Занҳо бояд худро озод ҳис кунанд – озод, то ки аз чаҳорчӯбаи система берун оянд ва худро аз гузашта озод намоянд. Занҳо санги қимматбаҳо намебошанд, онҳо танҳо мавҷудиятҳои ороишии барои зебдодани ҳаёт, нестанд.

Сулаймон ва Озар Шарифӣ «Асрори гумшуда» (Коллаж, графикаи компютерӣ) Асари мазкур дар асоси шоҳасари Леонардо да Винчи «Мона Лиза» тайёр карда шудааст. Муаллифон сюжети расмро аз нав такрор намекунанд, дар бораи он гуфта шуда буд ва гуфта мешавад, навишта шуда буд ва бисёрҳо бор суруд Хонда шуда буд. Муаллифон мехоҳанд диққатҳоро ба заминаи расм, ки дар он манзараи аслӣ тасвир шудааст, ҷалб кунанд. Яъне асос барои Ҷокондаи оянда, дар он ҷо бояд дарахтони зебо қад-қади роҳе, ки ба қасри пуршукӯҳи Ҳайёт мебарад, пайдо шаванд. Вале дар ин даъфа оянда бо ресмонҳои либосовезонкунӣ махкам шудааст, ва ҳозира бошад бо таваллудшавиҳо безобита шудааст…

Ғайрат Усмонов «Дар» (фото-диптих) Дар ҷамъияти муосир зери фишори дин, зан аксар вақт дар хона мешинад. Деворҳо торафт баландтар мешавад ва дарҳо бошанд бақувваттар. Вақте мерасад, ки деворҳо ба баландиҳо мерасанд, ва дар назди дар ҷарӣ пайдо мешавад ва зан намедонад, ки худро куҷо кунад. Ӯ ди-



Инсталлятсия «Баробарии Фарҳангҳо»

гар наметавонад аз дунёе, ки ӯро ҳабс кардааст, барояд.

Ғайрат Усмонов «Рақси оташ» Чанд карата дар воситаҳои ахбори омма масъалаи худсӯзии занон бардошта шуда буд. Ба чунин кор, бечораҳоро худсарӣ ва беадолатии соҳибхонаҳо, ки он ҷо духтарони ҷавон тамоман ёш меафтанд, маҷбур мекард. Ба зан як лаҳзае аст, ки ӯ пурра озод мешавад, зебо ва хиромон мешавад. Танҳо як ҳолат ҳаст, ки ӯ метавонад зебо ва ҳамон замон рӯи танқид намонад – ин рақс мебошад. Пас бигзор, ки ин рақси оташ бошад, балки на рақоса дар оташ.

Ҷамшед Холиқов «Хушомадед ба биҳишти рӯи замин» (фото силсила) Дар шарқ бо ақди никоҳ нақшаву орзуҳои беҳтарин вобаста карда мешаванд. Духтарон орзу мекунанд, ки пас аз ба шавҳар баромадан онҳо аз волидайн озод шуда, бо зиндагии пур аз ишқу муҳаббат ҳаёт ба сар мебаранд. Ҳаёт мисли тӯйи худашон зебо мегузарад. Аммо аксар вақт орзуҳои арӯсӣ ҷавон духтарро ба қафас ё ба палкона меоранд, ки ӯ аз онҷо нигоҳ карда меистад, ки чӣ тавр духтаракони дигари хаёлпараст бо ҳамин роҳ мераванд.

Ҷамшед Холиқов «Квадрати сиёҳ» (фото) Ин композитсияи девори безебу лекин ранга, ки тирезачаи хурди чоркунҷа дорад, ки аз он манзараи зебову лекин беранг дида мешавад. Композитсия дунёи занро хурд ва бо деворҳои танг нишон медиҳад ва ҳамаи он чизҳое, ки дар берун ҳаст пурҷило ва ҷолиб менамад. Аммо ба зан ҳеҷ коре намемонад, ғайр аз давом додани ин «ҷомашӯйие», ки давомнокиаш тамоми умр аст.

Ҷамшед Холиқов «Нафас» (видео) Чӣ тавре ки маълум аст рақси анъанавӣ, ё рақси медиативии самоъӣ, феномени паҳншуда мебошад, ки дар худ рақсҳои зиёди қадимаи фарҳангҳои гуногунро дорад: рақсҳои хеле қадима, рақсҳои Юнони Қадим, Балкан, Македония, рақсҳои халқҳои Шарқ.

Рақси халқӣ ва анъанавиро фарқ кардан бояд.

Дуюмаш ҳамавақт маънии парастиш ё ибодат боз дар худ мафҳуми олиро дорост, мисли саъю кӯшиш барои тамос гирифтан бо қаъри дили Худ, ба саволҳои «Ман кӣ? Барои чӣ ба ин ҷо омадаам?...» Рақси тоҷикӣ таърихи қадимаро дорад ва сарчашмаи худро аз ибодатҳои қадимаи расму русуми ориёии ба қувваҳои табиат, худоҳои қадима, мегирад. Чунин рақс дар худ маънии чуқури озодӣ ва аз ҳақиқати гирду атроф дилмондагиро дар худ дорад. Рақсҳои имрӯза мафҳумҳои муқаддасро надорад, аммо барои бисёри занҳо, рақс – ин воситаи ягонаест, барои худро аз нокомиҳои рӯзгор ва зулми анъанаҳои қадима озод ҳис намудан мебошад.

Вера Карнаухова, Умеда Кутфудинова «Оила» (инсталлятсия) Ҳар кас оиларо ба таври худ мефаҳмад. Як нафар оиларо бо хона тасаввур мекунад, дигаре бо автомошинаи оилавӣ. Шиппакҳои оддӣ - таҷассумкунандаи оила, ҳузури хонагӣ, гармӣ ва беҳбудӣ мебошанд. Се шиппаки андозааш бо қади одам баробар – рамзи оилаи пурра мебошад.

Вера Карнаухова «Баробарии фарҳангҳо» (инсталлятсия, коллаж) Имрӯз фарҳангҳои гуногун ба ҷамъиятҳо стериотипҳо ва амсилаҳои ҷомеавии эҷодшуда, ки дар онҳо нақши муҳимро мардҳо мебозанд, пайванд кардан мехоҳанд. «Баробарии фарҳангҳо» - ин манифести баробарии гендерӣ мебошад, ки бояд дар ҳама намуд ҷамъиятҳо новобаста аз дин ва сатҳи инкишофбии ҷамъиятӣ ва маориф, мавҷуд дошта бошад. Баробарҳуқуқӣ бояд ҷузъи асосии ҷомеаи муосир бошад.

Вера Карнаухова, Умеда Кутфидинова «Модар маро барои муҳаббат офаридааст» (гобелен) Ҳар як зан барои муҳаббат таваллуд шудааст, барои он ки сазовори ишқ бошад. Ишқ барои ҳар зан, мисли барнома то охири ҳаёт гузошта шудааст, ҳамчун заряди махсус. Ҳар як зан каме фаришта мебошад, зеро бо худ ишқ ва сулҳро меорад. Ҳамчун ҳамаи фариштаҳо зан мехоҳад озод бошад ва ба осмону баландиҳои кӯҳҳо парвоз кунад. Аммо нокомиҳои ҳаёт, кору вазниниҳои зиндагӣ, ӯро мебанданд.

# *Синопсис кори намоишгоҳи «Модальнокӣ» continuation...*

**Сурайё Тӯйчиева «Санъати занона» (видео)**

«Нисбат ба мардони ҳунарманд, теъдоди зан-рассом дар Тоҷикистон камтар мебошад. Чунин вазъ дар санъати муосир айён ифода меёбад. Аммо чун пешина, зан рӯҳи замон мемонад, новобаста аз он ки симои ӯро мард эҷод мекунад ё ӯ худаш худро, идеяҳо ва ҳадафҳои худро муаррифӣ мекунад. Ӯ мавзӯъҳои бисёре дорад, ки мардон бо он мавзӯъҳо кор намекунанд. Мард аксар вақт истеъдоди занро эътироф мекунад, махсусан истеъдоди ҳис намудани ранг ва зебогии ҷузъҳоро. Аммо имрӯз ӯ дигар вазифаҳоро ба худ мегузорад, баҳри он ки аз маҳдудиятҳои анъанавии таҳкимёфта барояд. Ва шумо дар асарҳои онҳо, ғояҳо, шуҷоату далерии бештарро пайдо мекунед». (Тӯйчиева Сурайё – рассоми мустақил, куратор)

«Санъати занона» тамошобинро ба фазои дигар мебарорад, материалӣ шуда, дар экран дар симои духтари ҷавон зоҳир мегардад, ки рӯяшро ороиш медиҳад. Ҳамин тавр, ӯ гӯё мегӯяд, ки рӯзи нав орзуҳову ҳадафҳои навро меорад» Муҳарама Комилова – рӯзноманигори мустақил)



Гобелен «Модар маро барои муҳаббат офаридааст»

**Муҳарам Ҷӯраева, Наргиси Хуршед «Беҳбудии гумшуда» (инсталлятсия)** Дар шарқ дастархони анъанавӣ ҳамавақт рамзи беҳбудиро дошт. Новобаста аз он ки оила бой аст камбағал, дастархон бояд ҳамавақт пур бошад, то ки беҳбудии оила инъикос ёбад. Дар инсталятсия дастархон «беҳбудии гумшудаи» оилаи нопурра, оилае, ки осебдидааст, нишон медиҳад.

**Муҳарам Ҷӯраева. «Рангинкамони ман» (техникаи ҳаҷвӣ)** Ҷаҳони ботинии зан хеле зебост. Вай бо тамоми рангҳо ҷило шудааст. Барои ҳамин занҳо зебоиро мепарастанду зебогиро қадр мекунанд. Онҳо хоҳиши зебогиро ба ҷаҳон додан доранду мехоҳанд онро беҳтар гардонанд. Аммо барои бештари занон дунё мисли чоркуҷаи сиёҳи пур аз танҳоӣ ва ғам мегардад. Зани хушқадуқомат ва зебо дар асари «Рангинкамони ман» дар назди чоркунҷаи сиёҳ, хеле фоҷианок менамад.

**Мурод Шарипов «Иштибоҳ» (видео)** Ин асар ба проблемаи хеле воқеии Тоҷикистони муосир – проблемаи муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст. Ҷавонон бо мақсади пул кор кардан барои зиндагии хуб, барои харидани мошин, гузаронидани тӯй - манзил, оила ва наздикони худро тарк намуда, ба муҳоҷират мераванд ва дар он ҷо нобуд мешаванд. Барои бисёри ҳамватанони мо ин иштибоҳ на танҳо фоҷианок мешавад, балки ҳатто охирон дар ҳаёт мегардад.

**Алексей Румянсев «Тадж кунг фу» (Чопи рақами (диҷитолӣ))** 20 сол пеш, ҷавонон варзишҳои шарқиро аз рӯи суратҳои ҷопшуда меомӯхтанд, ки дар ин суратҳо ҳар гуна услуҳо ва техникаҳои карате, дзюдо ва ғайра буданд. Аммо имрӯз ба онҳо тамоман дигар чиз лозим мебошад. Барои онҳо дигар чизҳо муҳим шудаанд. Кӯшиш мекнанд, ки ҳар чӣ зудтр таъмир ва сохтмонро омӯзанд, асбобҳои сохтмониро аз худ кунанд. Ин расми дарсӣ проблемаҳои душворро – проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатиро, ки падарон, шавҳарон ва бародароно аз оила ҷудо карда, занҳо, кӯдакон ва пирионсолонро танҳо мемонад, нишон медиҳад.

**Алексей Румянсев «Зан дар фаранҷӣ» (инсталлятсия)** Ин зани оддии тоҷик мебошад, ки мехоҳад ба анъанаҳо худро диҳад, аммо таъсири бартараф нашавандаи фарҳангҳои дигар дар он масъала айён мешавад, ки фаранҷаи ӯ аз симоҳои гламурӣ бофта шудааст.

**Алексей Румянсев «Якуми май» (инсталлятсия)**
Ҳар Якуми май, мо кӯдакони советӣ ба гашти меҳнаткашон мерафта, мо пуфакҳо ва байрақчаҳои рангинро гирифта мегаштем. Лекин навраси ҳозира фарқ мекунад, ӯ пакетҳои рангинро фурӯхта, бояд пул кор кунад.

**Сулаймон ва Озар Шарифӣ. Композитсия аз силсилаи плакатҳои “Занон роҳбарон” ва хаймаҳо. (графикаи компютерӣ, чопи рақамӣ)** Ҳар сол, ҳар моҳ, ҳар рӯз офатҳои табиӣ мешаванд, ки ба марги одамон ва хисоротҳо мерасонад. Ҷомеа ба офатҳои табиӣ бояд тайёр бошад. Одамон бояд омӯзанд, ки чӣ тавр дар вақти заминларза, обхезӣ, сел, сӯхтор ва ғайраҳо, худро рафтор намояд. Чӣ тавре ки маълум аст, оила ҷузъи ҷомеа мебошад ва нақши зан дар оила калон аст. Аммо дар шароити мо авторитети зан онқадар баланд нест, дар қишлоқҳо бошад тамоман паст аст. Ба ӯ гуфтан лозим аст, ки ӯ бояд дар ин муҳориба пешрафт шавад, ва ба мардон фаҳмонидан даркор, ки ин дуруст аст, зеро зан бештар ва аксар вақт доимо дар хона бо кӯдакон мебошад.

**Вера Карнаухова, Умеда Кутфидинова «Рассом бояд ҳама чизро тавонад» (видео)**

Ҳар даъфа пеш аз намоишгоҳи навбатӣ рассом бо душвориҳои гуногун дуҷор мешавад: то тарс пайдо мекунад, ки корро дар вақташ анҷом дода наметавонад, то дар бораи ризқу-рӯзи фикр кардан лозим, чӣ тавр баъд аз шаби беҳобӣ аз по наафтида, дар рӯзи оянда ҳушёр гаштан.

Дар натиҷа ӯ машинаи универсалӣ мешавад, як навъ “комбайни ошхонагӣ” бо имкониятҳои бисёр. Бо як сухан гуфтан мумкин аст, ки ӯ бояд тадқиқотчӣ, эҷодкор ва устои ҳамакора бошад.

**Абдулло Убайдуллоев. «Илтиҷо» (ҳайкалчаи хурд)**
**Ҷамшед Холиқов. «М/З» (фото)**

Ин инъикоси ҳаҷвии симои мард ва зан дар маънидодкунӣ дар ҳоҷатхонаи ҷамъиятӣ. Хеле аҷоиб, ки чӣ тавр дар доираи як аломат (ҳарф) ҳам матн ва ҳам тасвирот якҷоя шудаанд.

# *«Комиссар»-и бе яроқи Александр Асколдов*

Бисёреҳо Александр Асколдовро “муаллифи як филм” меноманд ва ин суханҳо маъное ҳам доранд, зеро ин коргардони дар воқеъ бузург дар давоми ҳаёти худ танҳо як филмро ба навор гирифтааст - “Комиссар”. Барои он не ки ба ғайр аз ин дигар филмҳоро ба навор гирифта натавонистааст, барои он не ки баъд аз ин филм ӯ дар Иттиҳоди Советӣ коргардони пазиранда шуд. Балки танҳо барои он ки ӯ филми беҳтаринро ба навор гирифт, шояд аз ҳама филми беҳтарин дар ҳаёташ, ки ба миллионҳо одамон асар кард. Филме, ки дар он нубуғии ӯ аён шуд. Филме, ки ҷавҳари эҷодиёти ӯ шуд, таҷрибаи ҳаёташ, эҳсоси ӯ ҷаҳонро ва нигоҳи ӯ ба нақши рассом дар ин дунё мебошад.

Ғояи асосиро барои сюжети филм, муаллиф аз повести Василий Гроссман “Дар шаҳри Бердичев” гирифтааст ва истеъдоди санъатии худро дар он аён кардааст. Ӯ дар асоси повест, ки дар бораи қаҳрамониву ӯҳдадорӣ буд, барои филми тамоман патсифистӣ сенария таҳия намуд ва шояд филми аз ҳама беҳтарини зиддиҷангӣ ва инсондӯстона дар тамоми таърихи синамотография эҷод намуда тавонист. Ӯ дар ҷои аввал милтиқ, тӯп ва аспҳоро неву балки одамони оддиро мондааст. Онҳо дар байни ҷанг мондаанд, ҷанги дилгир, ғораткунанда, бемаънӣ. Дар ин ҷо дар назди тамошобин расмҳои баъди ҷангии дунё намоён мегардад, ки бо одамон вайрон карда шудааст ва аз онҳо тоза шудааст, ҷаҳонро баъд аз “ҷанги охирон” нишон медиҳад.



Порча аз филми «Комиссар» (Нонна Мардюкова)

Дар ин шаҳре, ки дар кадом як қисмати Украина ҷойгир мебошад, бо полки ҳарбӣ комиссар – Клавдия Вавилова меояд, зани қавиирода ва ҷиддӣ, ҳамон тавре ки ҳар як комиссар дар ҷанги гражданӣ мешавад. Ӯ ҳомиладор аст, вале аз зӯри муҳорибаҳо бераҳм шуда, дар вақташ модаршавиашро эҳсос карда наметавонад ва худро ҳамчун модар ҳис карда наметавонад. Ҳукумати маҳаллӣ ӯро барои муваққатан зистан ба хонаи устои тунукасоз Ефим Магазанник таъин мекунад – марди доно, дар нигоҳи аввал марди одди менамояд, ки метавонад дар танаффусҳои байни кори вазнинаш, лаҳзае барои дар бораи шаҳраш ва “халқи интихобшуда” фикр кунад; ва дар бораи зани худ Мария – модари серфарзанде, ки дар талотуми бадбахтиҳо, оворагиҳо ва маҳрумиятҳо, тавонистааст, ки хусусияти асосиро барои занон – яъне муҳаббат ба фарзандон ва шавҳар, ва раҳмдилиро гум наккунад. Бо ҳам онҳо симои оилаи хуби насрониро, “оилаи покро” бунёд кардаанд. Дар ин хонадон комиссар писари худро ба ҳаёт меофарад ва маҳз дар ин ҷо табаддулотҳои аҷоиб оғоз мешаванд, метаморфозаи зан-аскар, ки ҳар рӯз, ҳаёти дигаронро нобуд мегардонад, ба зан-модар, ки ҳаёт, муҳаббат медиҳад, тайёр аст, ки ҳар маврид ҷони худро бахри муҳофизати фарзандаш фидо кунад. Шинели офитсерӣ ва мӯзаҳоро яктараф гузошта, куртаи сафеди зағириро бо шиппакҳо, ки ба ӯ Ефим медиҳад, мепӯшад. Клавдия бо вазифаи модарии худ роҳат бурда, дар ҳолати хатари доимие, ки таъғиротҳои ҷанг таъкид мекард, ба ӯ ҳеҷ халале намерасониданд. Ӯ ҳангоми сайру гаштҳо дар кӯчаҳои шаҳрак мисли Ефим шодиёна қадам зада, умед мекунад, ки пас аз ҷанг дар ин ҷо трамвайҳо мегарданд.

Аммо ҷанг ҳоло тамом нашудааст ва ин оромӣ бо ҳуҷуми ҷавобии Сафедон парешон мешавад. Аскарони Сурх шаҳрро аз даст медиҳанд. Ба Клавдия вақти интихоб кардан меояд, ё бояд бо тифлаш дар таҳхона пинҳон шуда истад, ё он ки бо тапонча дар даст кӯшиш намояд, ки ҳолатро тағйир диҳад, ба ҳимояи ҳам ин оилаи бадбахти яҳудӣ ва ҳам тифли худ, ки шояд ҳеҷ гоҳ модарашро пас аз ин намебинад, бархезад…

Ин филм чун пештара воқеӣ мондааст, барои он ки аз аввал ҳам аз рӯи намудаш нававар ва ҳам аз рӯи мазмунаш хеле самимӣ буд. Баъзе саҳнаҳояш чунон бо санъат ба навор гирифташудааст, ки дар воқеъ ба видео-арт монандӣ дорад. Мисол, тасвири маргро, муаллиф бо подаи аспони зинкардашудае, ки дар дашти пур аз чангу дуд, бе аспсаворон медаванд, нишон додааст. Аспон қатор истода об менӯшанд, вале дар зинҳои онҳо ҳеҷ кас нест. Ин навор якбора ҳам тарс ва ҳам ғамро меорад. Дар ҳол фаҳмо мешавад, ки ҳамаи ҷанговарон мурдаанд, ва ҳатто захму хунрезиро тасвир кардан ҳам лозим намеояд. Ин филм, мисли расми бо нубуғ сюжетнокиро дар ҷои дуюм мегузорад ва мисли романи бо нубуғ нотамом мемонад.

Тақдири ҳам филм ва ҳам коргардони ҳамин филм ғамангез мебошад. “Комиссар”, ки соли 1967 ба навор гирифта шуда буд, то соли 1988 нофаҳмо ва қабул нагардида монд. Ин филм дар хориҷа мукофотҳои зиёди синамоиро ноил гардид, ҳамчун филми сол, ҳамчун филми инсонпарвар. Аз тарфи синамо танқидчиёни машҳур ва филмсозон, ин филм ҳамчун шоҳасри синамоӣ эътироф гардид. Барои нақшофаридан дар он, Нона Мордюкова ба қатори 20 актрисаҳои беҳтарини асри XX ба рӯйхат гирифта шуда буд. Аммо дар ватанаш бошад, соҳиби ягон мукофоте нашуд. Хеле кам дар кино ва телевизион нишон медоданд. Муаллифи ин асар бошад Александр Асколдов, тӯли 20 сол филмашро ҳимоя намуда, ҳамон хел монд – “коргардони як филм” – унвоне, ки ба ӯ мисли тақдир шуд.

*Дар репертуари моҳи апрел филмҳо зиёданд, ки дар онҳо нақшҳои асосиро занҳо мебозанд – ин ҳам “Шоҳзода” (коргардон Стивен Фриэрз), ки хизматгорони вафодору дӯстдоштаи ӯро, дунёи медиявии*